Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикисон, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7, ауд 102)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

Масъалаи баланд бардоштани сифати менеҷменти субъектҳои иқтисодӣ бо маълумоти пурра, дақиқ, саривақтӣ ва эътимоднок дар давраи рушди фановариҳои рақамӣ мубрам ба шумор меравад. Ҷустуҷӯи илмии роҳи ҳалли масъалаи мазкур, бо гузашти вақт, ба ҷудо кардани намуди алоҳидаи баҳисобгирӣ - баҳисобгирии идоракуниро асоснок намуд. Пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ барои таҷрибаи муҳосибии корхонаҳое, ки дорои сохтори ташкилии мураккаб, номгӯйи васеи моддаҳои хароҷот, амалиётҳои технологии гуногун ва ғайра мебошанд, бештар мубрам ба назар мерасад. Рушди низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба гирифтани маълумоти фаврӣ ва боэътимод дар бораи вазъи кунунии кори сегментҳо, марказҳои масъулият, бригадаҳо, намудҳои маҳсулот, баҳодиҳии хавфҳо, натиҷаҳои фаъолияти зерсохторҳо ва роҳбарони онҳо мусоидат менамояд. Бар замми ин, истифодаи низоми иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди пешбурди баҳисобгирӣ, аз ҷумла баҳисобгирии идоракунӣ коркарди заминаҳои назариявӣ ва ташкилию методии низоми баҳисобгирии идоракуниро тақозо мекунад.

Бинобар ин, мавзуи интихоб намудаи Сайфиддинзода С.С. дар айни замон мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Аз омӯзиши автореферати диссертатсия хулосабарорӣ кардан муумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар сатҳи баланди илмию назариявӣ ва амалӣ анҷом дода шудааст. Саҳми муаллиф дар рушди асосҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ ба ақидаи мо, ин асоснок кардани рисолати баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонӣ ва таърифи муаллифии баҳисобгирии идоракунӣ (с. 10), инчунин муайян намудани робитаи байни баҳисобгирии молиявӣ, баҳисобгирии истеҳсолӣ ва баҳисобгирии идоракунӣ мебошанд, ки тамоми вазифаҳои асосии идоракунии фаъолияти субъектҳои иқтисодиро фаро мегирад.

Амсилаи таркиби воситаҳои рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ, ки кори муносиби низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии идоракунии дар асоси ERP сохташударо дар корхона, ки муаллиф пешниҳод намудааст, қобили қабул мебошад (с. 17).

Мо ба ақидаи муаллиф, ки масъалаи корбурди якҷояи воситаҳои методии баҳисобгирии идоракунӣ ва низоми автоматикунонидашуда баҳисобгирии муҳосибӣ бо доштани имконияти пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ дар асоси бастаи нармафзори 1С: Бухгалтерия дастрасии ҳамаи маълумотро барои гирифтани ҳисоботи идоракунӣ таъмин карда метавонад, розӣ ҳастем (с. 21).

Тавсияҳое, ки оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар автореферат пешниҳод гардидаанд, аз ҷумла масъалаҳои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот, пешбурди баҳисобгирии фаврӣ, молиявӣ, идоракунӣ ва баҳисобгирии андоз, инчунин баҳисобгирии кормандон ва пардохти меҳнат, роҳандозӣ намудани буҷетикунонӣ дар корхона ва ғайра бо асолат ва асоснокии хулосаҳову пешниҳодот фарқ мекунанд.

Умуман, диссертатсияи Сайфиддинзода С.С. таҳқиқоти мустақилона ва мукаммали илмии анҷомдодашуда ба ҳисоб рафта, дар сатҳи баланди илмию назариявӣ иҷро гардидааст ва пешниҳоду хулосаҳои мантқан асоснокро дар мегирад, ки дар соҳаи таҳқиқшаванда ва барои корхонаҳои кишвар манфиати амалию методӣ доранд.

Дар баробари муваффақиятҳои муҳими дар автореферат пешниҳод шуда, диссертант масъалаи ҳамгироии буҷетикунонӣ ва баҳисобгирии идоракуниро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бештар диққат медод, муҳтавои кори диссертатсионӣ беҳтар мешуд.

Бояд қайд намуд, ки эроди дар боло зикршуда ба мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсия ва баҳои умумии мусбати он таъсир намерасонад. Автореферат ва мақолаҳои чопкардаи муаллиф муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ фаро мегиранд.

Дар маҷмуъ, чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами 267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он - Сайфиддинзода Самариддин Сайфиддин ба гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) сазовор аст.

**Муқарриз:**
н.и.и., дотсент мудири кафедраи
баҳисобгирии муҳосибӣ ва андозбандии
Донишгоҳи давлатии Данғара Раҳматов Б.Қ.

Имзои Раҳматов Б.Қ. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ 25, Тел: (+992) 100003686, E-mail: rbakhtovard@bk.ru 28.12.2024